# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Акрам Рустамович дар мавзуи “Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методики ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) пешниход шудааст

Масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар Тоҷикистон ҳамеша диққати ҷомеа ва роҳбарияти кишварро ҷалб мекунанд. Ин мавзӯъ дар санадҳои ҳуқуқии кишвар, ба монанди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия ва барномаҳои гуногуни тарбияи ватандӯстӣ, инъикос ёфтааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки кишвар ба иқтисодиёту фарҳанги ҷаҳонӣ ҳамгиро мешавад, масъалаҳои ҳифзи ҳувияти миллӣ аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Ин масъалаҳо, ки ба эҳсоси ваҳдати миллӣ ва дарки умумияти фарҳанг, забон ва таърих вобастаанд, имрӯз дар кишварҳои гуногун, ки дар равандҳои ҷаҳонишавӣ иштирок доранд, ба назар мерасанд.

Тайи солҳои охир, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои давлатӣ, ба монанди «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳуввияти миллии ҷавонони тоҷик барои солҳои 2023-2027» ва «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» қабул кардааст. Ин барномаҳо нишон медиҳанд, ки роҳбарияти кишвар ба ин масъалаҳо аҳамияти ҷиддӣ медиҳад.

Вале, ҳатто беҳтарин барномаҳо бидуни ташкили дурусти кор дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва муҳити фарҳангӣ самараи дилхоҳ нахоҳанд дод. Ҷомеаи илмӣ ва педагогӣ, инчунин хадамоти маҳаллии маориф вазифадоранд, ки усулҳои муосири тарбияи ватандӯстиро ҷорӣ кунанд ва муҳити мувофиқ барои тарбияи ватандӯстии наврасон ва ҷавонон фароҳам оваранд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки муваффақияти тарбияи ватандӯстӣ ба мавқеи фаъол ва шаҳрвандии омӯзгорон вобаста аст. Онҳо на танҳо бояд салоҳияти касбӣ дошта бошанд, балки бояд ба тарбияи ватандӯстӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кунанд. Аммо, тибқи таҳқиқот, на ҳамаи муассисаҳои таълимӣ дар Тоҷикистон тарбияи ватандӯстиро бо усулҳои муосир ба роҳ мондаанд. Чорабиниҳо аксар вақт расмӣ гузаронида мешаванд ва ҷавонҳо дар ташкили онҳо иштирок намекунанд. Ин ҳолат метавонад ба сабаби набудани усулҳои муосир ва огоҳии ками омӯзгорон аз аҳамияти чорабиниҳо бошад. Барои ташаккули муносибати эмотсионалии хонандагон нисбат ба Ватан, зарур аст, ки чорабиниҳо на танҳо дар доираи барномаҳои таълимӣ, балки дар нақшаҳои беруназсинфӣ низ шомил шаванд.

Ҷамъи андешаву мулҳизаҳои дар боло иброзшуда аз мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссетатсионии унвонҷӯ далолат мекунад.

Мирзоев Акрам Рустамович соли 2010 ба ихтисоси режиссураи намоишҳои театронидашуда ва идҳо дохил шуда, онро соли 2015 бо баҳои хубу аъло дипломи ДТО № 0178619 хатм намудааст.

Солҳои 2010 – 2015 –донишҷӯи Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода шаҳри Душанбе

Солҳои 2016-2018 – сармутахассиси Шурои илмӣ –методии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Соли 2018-2025 – сармутахассиси Шурои илмӣ –методии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Соли 2025 то айни замон муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолияти корӣ дорад.

Мирзоев Акрам Руствмович бо фармоиши №77 аз 24.04.2018 ба ҳайси унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон қабул гардида, соли 2022 онро ба анҷом расонидааст.

Кори диссертатсионии Мирзоев Акрам Рустамович аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масьалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, хадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум - «Асосҳои назарияии тарбияи ватандустии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ» - таҳлили таҳқиқотҳое оварда шудаанд, ки дар онҳо рушди муносибати ватандӯстӣ ҳамчун ҳиссиёти иҷтимоӣ, арзиши шахсӣ нишон дода шуда, натиҷаҳои умумии таҳқиқоти равоншиносони пешқадам низ оварда шудаанд, ки онҳо дар як вақт хусусияти психофизиологии наврасро омӯхта, барои равишҳои даврабандии он бо назардошти таҳия ва рушди минбаъдаи муқаррароти бунёдӣ дар робита бо хусусиятҳои иҷтимоию сиёсии шароитҳое, ки дар он шахсияти насли наврас ташаккул меёбад, асос гузоштаанд.

Дар боби дуюм – “Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз шароит ва имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ” – асосноккунии интихоби шароитҳои педагогӣ барои воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ овардашуда, барои амалӣ гардонидан тавсия дода мешавад; раванди татбиқи амсилаи педагогӣ муфассал тавсиф шуда, исботи далели самаранокии он дар асоси таҳлили натиҷаҳои кор бо наврасони шомили гурӯҳи озмоишӣ бо истифода аз воситаҳои ташхиси аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашуда оварда шудааст.

Дар боби сеюм – «Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврасу ҷавон дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ» - дар асоси натиҷаҳои пурсишнома (аз рӯйи методикаи Д.В. Григорев ва В.И. Лутовинов) дараҷаи инкишофи ҷузъи эмотсионаливу ҳавасмандӣ муайян карда шуд; сатҳи ташаккули ҷузъи фаъолият дар асоси усули мушоҳидаи дохилшаванда аз мавқеи нозири комил муайян карда шуда (мавҷудияти мақсад ва вазифаи мушоҳидаро тахмин мекунад, тибқи нақшаи

пешакӣ тартибдодашуда гузаронида мешавад, маълумотҳои ба даст овардашуда мувофиқи тартиби муайян мураттаб гардида, арзёбӣ карда мешаванд) барои зуҳуроти субъективӣ ва ба фаъолияти тамоюли шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ ва ҷамъиятӣ ҷалб карда шуднашон ба низом даровардa ва баҳо дода мешаванд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктахои илмӣ ва натичаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Мирзоев Акрам Рустамович дар мавзуи "Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (карори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) чавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи забони русии
ДДМИТ — Г. Т. Наврузова

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кучаи Нахимов, ҳуҷраи 64 /14
Телефон: (+992) 900900978
E-mail: navruzova72@mail.ru

05.01.2026

Имзои Г.Т. Наврузоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон — Мирҷамолов М.А.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ